*ТДУ 8Т*

# *НАЗАРЕ БА ҶАНБАҲОИ ИРФОНИИ ШЕЪРИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ*

***Ғаффорова Умеда Абдуллоевна**, д.и.ф., профессор, сарходими Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ВЗГЛЯД НА МИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЭЗИИ ШЕЙХА КАМОЛИ ХУДЖАНДИ*

***Гафарова Умеда Абдуллоевна**, д.ф.н., профессор, главный научный сотрудник Научно-исследовательского института гуманитарных наук ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджиксиатн, Худжанд),*

# *A GLANCE AT THE MYSTICAL ASPECTS OF THE POETRY BY SHEIKH KAMOLI KHUJANDI*

***Gaforova Umeda Abdulloevna**, Doctor of philology, Professor, Main Researcherof Human Research Institute, KhSU named after acad. B.Gafurov (Khujand,Tajikistan),*
***E-mail:*** umedagafari1@mail.ru

***Калидвожаҳо:** Камоли Хуҷандӣ, ирфон, тасаввуф, вилоят, валӣ, тариқат,* ваҳдати вуҷуд, фано, *ишқу муҳаббат, ориф, сӯфӣ*

*Омӯзиши осори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки шоир аз сарчашмаҳои муқаддасе чун Қуръони карим ва аҳодиси паёмбар Муҳаммад (с), ашъори шоирони бузурги форсу тоҷик ва осори хирадмандон, афсонаҳо ва адабиёти шифоҳии мардум, тамоми осори гузаштаи илмию фарҳангӣ ва адабии он истифода кардааст. Ин аз доираи васеи донишҳои динӣ, далелҳои фалсафиву адабӣ ва фарҳангии Камоли Хуҷандӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамаи онҳо дар ташаккул ва такмили ҷаҳонбинии орифи шоир, инкишофи равияҳои асосии идеявию бадеии эҷод ва муайян намудани услуби инфиродии адабии ӯ нақши хеле муҳим бозиданд.*

***Ключевые слова:** Камоли Худжанди, мистицизм, тасаввуф, вилаят, вали, тарикат, вахдати вуджуд, фана, любовь, влечение, мистик, суфий*

*Изучение творчества Камоли Худжанди дает представление о том, что поэт пользовался священными источниками, такими как Священный Коран и хадисы Пророка Мухаммада (мир ему и благословение Аллаха), поэзией великих персидских и таджикских поэтов и произведениями мудрых мудрецов, мифами и устной литературой народа, всем своим прошлым и современным научным, литературным и культурным наследием. Это из широкого спектра религиозных знаний, философские, литературные и культурные свидетельства Камоли Худжанди. Все они сыграли очень важную роль в формировании и совершенствовании мировоззрения Шейха и поэта, развитии основных идеологических и художественных течений творчества и определении его индивидуального литературного стиля.*

***Key vords:** Kamoli Khujandi, mysticism, tasawwuf, vilayat, vali, tariqa, wahdati vujud, fana, love, attraction, mystic, Sufi*

*A study of the works of Kamoli Khujandi gives an idea that the poet used sacred sources such as the Holy Quran and the hadiths of the Prophet Muhammad (peace and blessings of Allah be upon him), the poetry of great Persian and Tajik poets and the works of wise sages, myths and oral literature of the people, all of its past and modern scientific, literary and cultural heritage. This is from a wide range of religious knowledge, philosophical, literary and cultural testimonies of Kamoli Khujandi. All of them played a very important role in the formation and improvement of the worldview of the Sheikh and the poet, the development of the main ideological and artistic trends of creativity and the definition of his individual literary style.*

Аз мутолиаи ашъори девони Камол маълум мегардад, ки шоир аз манобеи кудсӣ чун Қуръони шариф ва ҳадисҳои Расули акрам, аз ашъори шоирони бузурги форсу тоҷик ва осори ҳакимони донишманд, асотир ва адабиёти шифоҳии халқ, тамоми мероси илмию адабӣ ва фарҳангии гузашта ва муосри худ баҳравар шудааст. Ин аз доираи васеи донишҳои динӣ.

фалсафӣ, адабӣ ва фарҳангии Камоли Хуҷандӣ далолат мекунанд. Ҳамаи онҳо дар роҳи ташаккул ва такомули ҷаҳонбинии Шайх ва шоир, рушду камоли равияҳои асосии ғоявию бадеии эҷодиёт ва муайян шудани сабки инфиродии адабии ӯ нақши хеле муҳим бозидаанд.

Шайх Камол осори донишмандони бузургеро, ҳамчун Абӯали ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯнасри Форобӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Фахруддини Розӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва дигар уламо ва фузалои мутақаддимин ва мутааххиринро аз худ кардааст.

Шоистагии он хой дорад, ки ин ҷо бештар ба баррасии ҷанбаҳои ҳикмати ирфонии девони Шайх Камоли ХухандЬ пардохта шавад.

Роҷеъ ба мансубияти Шайх Камол ба ягон тариқат ё силсилаи ирфонӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ишорае нарафтааст. Аммо ҳамаи муаллифоне, ки дар бораи шоир маълумот додаанд, мақоми шоири орифро дар тасаввуф хеле бузург медонанд. Шоир дар ғазалиёти худ ба бузургони аҳли ирфон Ҳасани Басриву Мансури Ҳаллоҷ, Иброҳими Адҳаму Ҷунайди Бағдодӣ, Саноиву Аттор, Саъдиву Ҳофиз, Аҳмади Ҷомиву Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ишораҳо кардааст.

Дар ҳикмати орифонаи Камол масъалаҳои умдаи назарӣ ва ҷавҳарии тасаввуф, ба монанди ваҳдати вуҷуд, касрат, таҷаллӣ, маърифат, зуҳд, вараъ, тавба, зикр, васл, пир, муршид, фақр, сабр, валоят, иродат, муроқабат, талаб, хавфу раҷо, ишқу муҳаббат ва ғайра ба таври хос мунъакис шудаанд. Дар баробари офаридани ашъори дилангез дар васфи ишқи заминӣ Шайх Камол ба [укми андешаҳои ҳакимона, инъикоси масъалаҳои ҳикмати назарӣ ва амалӣ чун намояндаи бархастаи адабиёти ирфонӣ муаррифӣ гаштааст.

Бояд таъкид кард, ки Камоли Хуҷандӣ сӯфии тақвопараст ва узлатнишин набуда, балки ҳаётдӯст ва фаъъол буд. Савияи тарзи тафаккури ӯ аз сатҳи муқаррарии шуури динӣ болотар аз дараҷаи тафаккури динӣ аст; зеро ӯ борҳо ба тариқи зайл қарор кардааст.

***Барҷост Камол аз вараъ ва гӯшанишинӣ,***
***То дид, ки майхона беҳ аз ҳарду мақол аст.***
***Нест маро сари тавба таманнои биҳишт,***
***Шеваи мардуми ноаҳл бӯ ва ҳиммат пушт.***
***Моро хуши масҷид ва саҷҷода набошад [1, с.130].***

Аз таҳлили ашъори орифонаи Камол чунин ба назар мерасад, ки вай пайрави эътиқод ба назарияи ваҳдати вуҷуди ирфонӣ аст, ки мувофиқи он аз ҷиҳати антологии ҳастӣ, ҳастӣ якӣлсӣ ва онҳаст асил ба ҷуз ҳастии Худо чизе нест. Аз ин дидгоҳ, аз моҳияти худои ягона ба тариқи таҷаллии олами рангоранг, яъне касрат ба миён меояд, ҳастии рӯҳонӣ, ҷисмонӣ, муҷаррад, мушаххас, ваҳдат касрат мешавад, вале аз он ҷо ки ҷавҳари онҳо ягона аст, байни онҳо тафовут на, балки айнияти ҷавҳарӣ ҳукмфармост.

***Ошиқонро дил ба ваҳдат мекашад,***
***Мурги обиро ба дарё хуштар аст [1, с.130].***

Масъалаи дигаре ки дар ҳикмати ирфон комилан тарҳрезӣ шудааст ва ҳалли он байни мутафаккирони ориф маъмул аст, бозгашт ба асл, яъне шинохти Ҳақ таоло аст. Ин муаммои назарии сӯфиёна дар ғазалиёти Камол ғолибан дар пардаи тафаккури нафиси ошиқона сурат бастааст. Камол бо маҳорати хосе маонии орифонаро бо ғазалиёти ошиқонааш созгор кардааст, ки дар онҳо ба ҳамин васила то андозае мураккабтар шудааст, зеро дар ин тарзи баён аксар калимот ва мафоҳим ва маънои маҷозӣ дар тобишҳои ирфонӣ истифода шудаанд.

***Ҳаст гуфтанд он миёнро он чи мегӯянд, нест,***
***Нест гуфтам он даҳонро ҳар чи мегӯянд, ҳаст [1, с.268].***

Камолшиноси мумтози тоҷик Б. Мақсудов дар бораи зарурати омӯзиши ҷанбаҳои ирфонии шеъри Шайх Камол андешаронӣ намуда, менависад: «Дар консепсияи тасаввуфии Камол таълимоти патеистии ваҳдати вуҷуд дар мақоми аввал аст. Калимаҳои «дарё» ва «баҳр» дар ашъори ӯ истиоратан дарё ва баҳри ваҳдати илоҳӣ, олами рӯҳонӣ, малакут аст, ки инсони мустағриқи он гашта, фанофиллоҳ мешавад ва бақои ҷовидонӣ меёбад:

***Мехурӯшад баҳру мегӯяд ба овози баланд:***
***«Ҳар ки дар мо гарқа гардад, оқибат ҳам мо шавад» [1, с. 473].***

Чи тавре ки мурғи обиро ҳаракат ба сӯи дарё аст, инсон низ дилкашоли ваҳдат бо асли худ аст:

***Ошиқонро дил ба ваҳдат мекашад,***
***Мурги обиро ба дарё хуштар аст [1, с.83].***

Яке аз истилоҳоти ирфоние, ки дар ашъори Шайх Камол истифода шудааст, истилоҳи вилоят аст. Агар мо ба шарҳи ин истилоҳ дар фарҳангҳо рӯй орем, дар он гуфта шудааст: “ Аммо ҳамчун истилоҳи ирфонӣ қиёми банда ҳаст ба Ҳақ пас аз фанои худ, яъне фанои нафс. Вилоят бозистодан ва қиёми банда аст ҳангоми фано шудан ба худ ва ин ба таваллои Ҳақ аст то

ба ниҳояти мақоми қурб ва тамкин расониданаш. Ҳифзи муроқабати Ҳақро гӯянд бандаро аз ҳар чӣ манофии қурб аст, нигоҳ дорад «Иннамо валийюкум Аллоҳу ва расулуҳу» (ал-Моида, 55, 5, 221).

Аз назари донишмандни эронӣ Муҳаммад Ҳасан Ҳоирӣ «вилоят, яъне қурб ва наздикӣ ба Худои таъоло мебошад. Вилоят ба маънои салтанат ва аморат ва вилоят ба маънои муҳаббат ва наздикӣ ба Парвардигор аст. Аз назари орифон қурб сабаби тоат аст, на тоат сабаби қурб. Вилоят аз ду қисм иборат аст: вилояти омма ва валояти хосса. Вилояти хосса низ бар ду қисм аст: вилояти хоссаи атоӣ ва вилояти хоссаи касбӣ. Вилояти омма аз они муъминон ба Ӯст, вилояти хосса аз он касоне аст, ки ба зоту сифату феъл дар Ӯ фонӣ гаштааст ва ба асмоъ ва сифоти Ӯ зоҳир шудаанд. Навъи атоии он ин аст, ки бе талошу кӯшиш ва муҷоҳадат ба каф омада бошад ва навъи касбии он ин аст, ки ба риёзат ва сулук ҳосил шуда бошад. Он касро, ки ба вилояти хоссаи атоӣ бирасад, маҳбуб ва онро, ки ба вилояти хоссаи касбӣ восил шавад, муҳиб меноманд. Орифон вилоятро бар нубуввати бидуни вилоят бартарӣ медиҳанд» [5, с.107].

Қайсарӣ дар муқаддимаи шарҳи «Фусус» мегӯяд: «Камоли вилоятро ниҳоят нест ва бинобар ин маротиби авлиё номутаноҳӣ аст. Он гоҳ дар маротиби анбиё мегӯяд: «Ва аз он ҷо ки пайғамбарони мабъус барои ҳидояти халқ гоҳе бо ташреъ ва Китоби илоҳӣ ҳамроҳ набуда ва гоҳе бо ташреъ ва Китоб ҳамроҳ буданд, ба ду дастаи мурсал ва ғайримурсал тақсим мешаванд. Ва мурсалон аз лиҳози мартаба аз ғайримурсалон бартаранд аз он ҷиҳат, ки ҷомеи ҳар се мартабаи вилоят ва нубувват ва рисолат мебошанд ва пас аз эшон мартабаи анбиё аз ҳама бартар аст ба далели ин ки ҷомеи ҳар ду мартабаи вилоят ва нубувват ҳастанд, агарчи валояташон аз нубувват бартар ва нубувваташон аз мақоми рисолаташон болотар аст. Аз он ҷиҳат, ки вилояти онон ҷанба ва ҷиҳати ҳаққияи эшон аст ва нубувваташон ҷанба ва ҷиҳати малакияти онон аст, чунки ба василаи мақоми нубувват аст, ки бо ҷаҳони малоика муносибат пайдо мекунанд ва ваҳйро аз онон дарёфт менамоянд ва рисолаташон ҷиҳат ва ҷанбаи башарияти эшон аст, ки мутаносиб ба ҷаҳони инсонӣ аст. Сухани Ибни Арабӣ ба ҳамин нукта ишора дорад, ки мақоми нубувват дар мартабаи барзах аст пойинтар аз валӣ ва болотар аз расул, ба ин маънӣ, ки нубувват дар мартабае пойинтар аз вилоят ва болотар аз рисолат аст» [5, с. 108].

Қайсарӣ муътақид аст, ки ботини вилоят нубувват аст ва шумулаш аз нубувват беш аст, ки шомили нубувват ва вилоят ҳар ду шавад ва анбиё худ авлиёанд».

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳоту-л-унс» дар боби вилоят мегӯяд: «Вилоят муштақ аст аз «валӣ» ва он бар ду қисм аст: вилояти омма ва вилояти хосса. Вилояти омма муштарак аст миёни ҳамаи муъминон. Қола Аллоҳу таъоло: «Аллоҳу валийййу-ллазина оману йухриҷуҳум мина-з-зулумоти ила-н-нур». Ва вилояти хосса махсус аст ба восилон аз арбоби сулук ва ҳия иборатун ан фанои-л-абди фи-л-Ҳаққи ва бақоиҳи биҳи фа-л-валийййу ҳува-л-фонийййу фиҳи ва боқийййу биҳи. Ва фано иборат аст аз ниҳояти сайр илаллоҳ ва бақо иборат аст аз ҳидояти сайр филлоҳ чи сайр илаллоҳ вақте мунтаҳӣ шавад, ки бодияи вуҷудро ба қадами сидқ якборагӣ қатъ кунад ва сайр филлоҳ он гоҳ мутаҳаққиқ шавад, ки бандаро баъд аз фанои мутлақи вуҷудӣ ва зотӣ мутаҳҳар аз лавси ҳадсон арзонӣ дорад, то бад-он дар олами иттисоф бар авсофи илоҳӣ ва тахаллуқ ба ахлоқи раббонӣ тараққӣ кунад. Абӯалӣ Ҷузҷонӣ гӯяд раҳимаҳуллоҳ: «Ал-валийййу ҳува-л-фонийййу мин ҳолиҳи ва-л-боқийййу фӣ мушоҳадати-л-Ҳаққи лам йакун лаҳу ан нафсиҳи ахборун ва ло маъа ғайри-ллоҳи қарорун». Валӣ он бувад, ки фонӣ бувад аз ҳоли худ ва боқӣ бувад ба мушоҳадаи Ҳақ. Мумкин набошад мар ӯро, ки аз худ хабар диҳад ва бо ғайри Худованд биёромад. Иброҳими Адҳам раҳматуллоҳи алайҳи мардеро гуфт: «Хоҳӣ, ки валӣ бошӣ аз авлиёуллоҳ?«. Гуфт: «Бале, хоҳам». Гуфт: «Ло тарғаб фӣ шайъин мин ад-дунйо ва-л-охирати ва-фрағ нафсака лиллоҳи таъоло ва-қбил биҳи ваҷҳака алайҳи». Ба дунйо ва уқбо рағбат макун, ки рағбат ба инҳо аъроз бувад аз Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ва фориғ кун. Мир худро аз барои дӯстии Худованд ва дунё ва уқборо дар дил роҳ мадеҳ ва рӯи дил ба Ҳақ ор ва чун ин авсоф дар ту мавҷуд шуд, валӣ бошӣ».

Гоҳе валӣ дар чеҳраи Инсони комил тасвир шудааст. Андешаи Инсони комил дар масири худ то қарни XIII идома ёфт вадар асри Ибни Арабӣ ба авҷи худ расид ва ба воситаи ӯ дарадабиёти миллатҳои исломӣ густариш ёфт. Фахриддини Ироқӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ,

Маҳмуди Шабистарӣ ба таъсири андешаҳои ӯ фикри инсони комилро дар адабиёти форсӣ ривоҷи бештаре доданд, то муҳимтарин баҳси тасаввуф ва адабиёти ирфонӣ шуд.

Авлиё баргузидагони сӯфия ҳастанд ва низоми дунё мутавассиф бар авлиё аст. Авлиёро чаҳор ҳазор тан гуфтаанд ва эшонро аз якдигар бехабар ва аз диди халқ мастур шинохтаанд. Сар ва бузурги авлиё «қутб» ва «ғавс» номида мешавад. Қутб бузургтарин сӯфии аҳд ва ҳоким бар авлиёуллоҳ аст ва ҳар вақт ирода кунад, дар фосилаи як чашм ба ҳам задан ҷамеи авлиё бо таййуларз аз атрофу акнофи дунё дар гирди ӯ муҷтамеъ мешаванд. Баъд аз қутб иддае аз авлиё ҳастанд, ки ба гуфтаи Ҳуҷвирӣ «аммо он чи аҳли ҳалл ва ақданд ва сарҳангони даргоҳи Ҳаққанд, сесаданд, ки эшонро «ахёр» хонанд ва ҷиҳили дигар аз эшонро «абдол» ва ҳафти дигар ки мар эшонро «аброр» хонанд ва чаҳоранд, ки мар эшонро «автод» хонанд ва сеи дигаранд, ки мар эшонро «нақиб» хонанд ва яке дигар, ки вайро «қутб» ва «ғавс» хонанд» [1, с.219].

Ба ақидаи Абӯнасри Сарроҷ лақаби авлиё дар мақоми аввал мутааллиқ ба анбиё аст, ки ба воситаи исмат ва мақоми ваҳй ва рисолате, ки доранд, баргузидагони Ҳаққанд ва дар дараҷаи баъд мутааллиқ ба онҳое аст, ки ба воситаи имони содиқ ва тарвизи нафс ва гузаштан аз худ ва дилбастагӣ ба ҳақоиқи абадӣ авлиё маҳсуб мешаванд.

Калимаи «валӣ», ки ҷамъи он «авлиё» аст, ба маъниҳои мухталиф, аз қабили «дӯст», «наздик», «соҳиб», «рафиқ», «бузург», «ҳофиз» ва амсоли он истеъмол мешавад. Ба ақидаи сӯфия авлиё касоне ҳастанд, ки мақоми қудсӣ доранд ва ба Худо наздиканд ва нишонаи наздикии онҳо ин аст, ки қодир ба аъмоли фавқуттабиӣ ҳастанд, яъне каромот ва хавориқи одот доранд. Валӣ ба воситаи иртиботи наздик ба Худо ба мақоме мерасад, ки ҳиҷоби байни ӯ ва олами ғайб макшуф мешавад ва авлиё дар ҳоли ҷазаба ба мақоми нубувват ва ахбор аз мағибот мерасанд ва шарти лозими вусул ба ин мақом ҳам на илми амиқ дар ҳикмати илоҳӣ аст, на муттасиф будан ба аъмоле, ки дар назари халқ ва мутобиқи урфу одат ва зоҳири шаръи писандидаи халқ аст ва на риёзату таҷаррув ва чизҳое, ки мардум ҳусни хулқ меноманд. Хулоса он ки валӣ мумкин аст воҷиди ҳамаи ин сифот бошадё фоқиди онҳо. Танҳо чизе, ки шарти лозим аст, ҷазаба ва бехудӣ аст, ки аломати хориҷии фано ва раҳоӣ аз таъаййуноти шахсӣ аст.

Аз назари баҳси таърихӣ дар тасаввуф дар ибтидо валӣ иборат буд аз як нафар муаллими рӯҳонии бо таҷриба ва иттилои кофӣ, ки чанд нафар аҳли завқу ирфонро даври худ ҷамъ намуда, дар ҳалқаи онҳо умри худро сарфи ҳидояту роҳбарӣ ва тарбият мекард бидуни ин ки унвони ҳизб ва фирқа ва исми тариқаи махсусе дар миён бошад. Аммо туле накашид, ки валӣ ҳукми раис ва пешвои тариқаи хоссеро пайдо кард, ки он тариқа ба номи ӯ маъруф буд [2, с.217].

Камоли Хуҷандӣ, ки худ орифи бузург буд, аз ин истилоҳи ирфонӣ дар шеъраш огоҳона ва моҳирона истифода бурдааст. Чунончи:

***Дар пеши дониши ту чун тифл роҳнодон,***
***Пирони бокаромат, мардони бовилоят [1, с.157].***

Гарчи шоир ба мақоми баланд ва дониши пурвусъати авлиёи бокаромат, ки мавҳабати Худованд аст, арҷ мениҳад, аммо оҷиз будани онҳоро дар назди дониши Худованд таъкид менамояд.

Дар канори ин дар ашъори Шайх Камол истилоҳоти ирфонии дигар низ хеле зиёд ба чашм мерасад, аз қабили тавҳид, вараъ, зуҳд, фақр, сабр, вилоят, иродат, муроқабат, талаб, хавфу раҷо, ишқу муҳаббат ва ғ. Аз ин рӯ таҳқиқи муаммои ҷанбаҳои ирфонии шеъри Шайх Камол муҳаққиқони худро дар оянда интизор аст.

## АДАБИЁТ:

1. Девони Камоли Хуҷандӣ. Хуросон, 2015.
2. Қосим Ғанӣ. Таърихи тасаввуф дар ислом. Теҳрон, 1321-1322;
3. Мурoҷиат ба хонанда/Девони Камол.- Хуҷанд, 2014.
4. Мунтахабот Камол, Сталинобод, 1995, с.130.
5. Муҳаммад Ҳасан Ҳоирӣ. Ирфон ва тасаввуф. Теҳрон, 1382;
6. Саййид Содиқ Гавҳарин. Фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ.-Теҳрон, 1388, ҷ.9.

## REFERENCES:

1. Divan Kamol Khujandi. Khurasan, 2015.
2. Qasim Ghani. History of Sufism in Islam. Tehran, 1321-1322;
3. Address to the reader/Divan Kamol.- Khujand, 2014.
4. Muntakhabot Kamol, Stalinabad, 1995, p.130.
5. Muhammad Hassan Khoiri. Irfan and Sufism. Tehran, 1382;
6. Sayyid Sadiq Gavharin. Dictionary of Mystical Terms.-Tehran, 1388, vol.9.